«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТҒ «Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон»
н.и.и. Ибодзода З.Ҳ
аз «01» 02 соли 2023 № 03

# НИЗОМНОМАИ РАЁСАТИ ИЛМ ВА ИННОВАТСИЯИ МТҒ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ -ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

Низомномаи Раёсати илм ва инноватсияи МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” (минбаъд Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ”, “Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Оинномаи МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия гардидааст.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Раёсати илм ва инноватсияи МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” (Минбаъд - Раёсати илм ва инноватсия) Маркази илмӣ ва илмию ташкилӣ буда, корҳои илмию таҳқиқотии кафедра ва дигар сохторҳои зертобеъи донишкадаро ба роҳ монда, онҳоро муттаҳид месозад.

1.2. Низомномаи мазкур вазифа, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Раёсати илм ва инноватсияи донишкадаро муайян менамояд.
Раёсати илм ва инноватсияи донишкада дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунандаи ҷорӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника” (18.03 соли 2015, №1137), қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04 соли 2011, №227 “Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи таълимӣ” (19.05 соли 2009, №531), паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Барномаи

мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025", қарорҳои ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои ҳайати мушовараи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномa, қарорҳои Шурои олимон ва фармоишҳои ректор ва муовинони ректори донишкада ва Низомномаи мазкур фаъолият менамояд.

1.3. Санадҳои маъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои роҳнамо ва методии танзимкунандаи масъалаҳои рушди низоми маориф ва тандурустӣ, аз ҷумла таҳсилоти олии касбӣ, комёбиҳои муассисаҳои ватанӣ ва хориҷӣ, ташкили раванди таълиму тарбия, технологияҳои ҳозиразамон дар самти корҳои илмию таҳқиқотӣ, кодекси меҳнат, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат дар самти зарурӣ ба роҳ мемонад.

1.4. Дар асоси Низомномаи мазкур бо назардошти хусусият, иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва дигар намуди фаъолият таҳия карда шуда, бо қарори Шурои олимони донишкада тасдиқ карда мешавад.

1.5. Раёсати илм ва инноватсияи донишкада дар фаъолияти худ ба Шурои Раёсати донишкада ва Шурои олимони донишкада ҳисоботдиҳанда мебошад.

## 2. Масъулияти Раёсати илм ва инноватсия

2.1. Ташкил, рушд, ҷойгиркунии босамар, истифодаи оқилонаи иқтидори илмию техникии донишкада.

2.2. Афзун намудани саҳми илму техника дар рушди нумӯи донишкада.

2.3. Ташаккул додани низоми муосири такмили ихтисоси кормандони илмӣ (муҳаққиқон).

2.4. Такмил додани низоми интихоби лоиҳаҳои инноватсионӣ ва барномаҳои мақсадноки илмию техникӣ ба таври озмун.

2.5. Таъмини ташкили хизматрасониҳои ғайриройгонӣ дар соҳаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагонии дараҷаи тахассусашон олӣ.

2.6. Гузаронидани ҷаласа, конференсия, мизи мудаввар ва дигар шаклҳои муҳокимаи дастаҷамонаи масъалаҳои мубрами рушди тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии дараҷаи тахассусиашон олӣ.

2.7. Таҳияи шартномаҳо оид ба омодакунии докторант аз рӯйи ихтисос (PhD) ва унвонҷӯён, ки ба таври ғайриройгонӣ қабул шудаанд.

2.8. Тараққӣ додан ва ҳамоҳанг сохтани таҳқиқоти бунёдӣ дар соҳаҳои мувофиқи илмҳо.
2.9. Ба танзим даровардани самти рушди тайёр намудани магистрҳо, докторҳои фалсафа (PhD), докторҳо аз рӯйи ихтисос, докторҳои ҳабилитат, ки дорои дониш ва маҳорату малакаи баланди касбии барои бо муваффақият фаъолият намудани онҳо зарур.
2.10. Ҳолати таҳқиқот дар кафедра ва дигар зерсохторҳои зертобеъи донишкада.
2.11. Дар сатҳи баланд ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ.
2.12. Таҳияи пешниҳод оид ба суръатбахшии пешрафти илмӣ-техникӣ, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмҳои дахлдори бахши тандурустӣ.
2.13. Тарбияи кадрҳои илмии баландихтисос.
2.14. Самаранокии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи илм.
2.15. Ба танзим даровардани Нақшаи дурнамо ва густариши ҳамкориҳои илмии донишкада.
2.16. Ба роҳ мондан ва назорати корҳои илмӣ-таҳқиқотии ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯёни донишкада.
2.17. Назорати фаъолияти донишкада ва марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, шуъбаи табъу нашр, шуроҳои диссертатсионӣ, шурои олимони ҷавон ва ҷамъияти илмии донишҷӯён.

## 3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои асосии Раёсати илм ва инноватсия

3.1. Иштирок дар раванди тартиботи муқарраргардидаи интихоб, қабул интиқол ва аз вазифа озод намудани кормандони шуъба дар мувофиқа бо муовини ректори донишкада оид ба илм ва инноватсия.
3.2. Иштирок дар амалӣ намудани татбиқи барномаҳои тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии баландихтисос.
3.3. Доштани дастрасӣ ва захираҳои иттилоотии донишкада.
3.4. Рушд ва ҳамоҳанг сохтани таҳқиқоти бунёди дар соҳаҳои дахлдори илм.
3.5. Роҳбарии илмию методӣ ва илмию ташкилии кафедра ва дигар зерсохторҳои зертобеъи донишкада.
3.6. Таҳияи пешниҳодот оид ба ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқот дар истеҳсолот, маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.
3.7. Оид ба беҳтар намудани самти корҳои илмию таҳқиқотӣ ба ректори донишкада таклифҳо пешниҳод менамояд.
3.8. Фаъолияти сохторҳои таркибии донишкадаро доир ба ташкили корҳои илмию таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ назорат мебарад.

3.9. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии донишкада ҳуҷҷатҳои иттилоотӣ зарурӣ талаб менамояд.

3.10. Ба баррасии Шурои олимони донишкада оид ба нақшагирӣ, назорат ва таҳкими корҳои илмию таҳқиқотӣ пешниҳод манзур месозад.

3.11. Густариши ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ.

3.12. Кормандони Раёсат барои босифат ва сари вақт иҷро намудани супоришу вазифаҳое, ки дар асоси Низомномаи мазкур ба ӯҳдаи Раёсат гузошта шуда ва риояи қоидаҳои бехатарӣ, ҳифзи меҳнат, қоидаҳои бехатарӣ аз сухтор масъул мебошанд.

## 4. Вазифаҳои Раёсат илм ва инноватсия

4.1. Роҳбарии илмию методӣ ва илмию ташкилии кафедра ва дигар сохторҳои зертобеъи донишкадаро аз рӯйи тахассуси Раёсат амалӣ менамояд.

4.2. Самтҳои асосии корҳои илмию таҳқиқотии кафедра ва дигар сохторҳои зертобеъи донишкадаро баррасӣ менамояд, корҳоро оид ба дурнамои рушди илмҳои дахлдор равона месозад ва онҳоро муттаҳид месозад.

4.3. Ба рушди самтҳои нав ва афзалиятноки таҳқиқоти бунёди мусоидат намуда, таҳқиқоти илмиро дар ин самт ташкил мекунад;

4.4. Масъалаҳои вобаста ба тағйирдиҳии мавзӯъҳои илмӣ ва самтҳои фаъолияти онҳоро баррасиву ҳал менамояд, ба роҳбарияти донишкада оид ба ташкили мавзӯъҳои нави илмӣ, навсозӣ ва ё барҳамдиҳии мавзӯъҳои илмии мавҷуда пешниҳод манзур менамояд.

4.5. Нақшаҳои таҳқиқотии кафедра ва дигар сохторҳои зертобеъи донишкада ва амалисозии натиҷаҳои онҳоро баррасӣ менамояд.

4.6. Барои дар амал татбиқ намудани натиҷаи таҳқиқотҳои анҷомёфта ва ташвиқу тарғиби донишҳои илмӣ мусоидат менамояд.

4.7. Таҳқиқоти илмии бунёдиро аз рӯйи тахассуси кафедраҳои донишкада ва дигар сохторҳои зертобеъи донишкада, ки дар муассисаҳои илмӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва вазорату идораҳои дигари ҷумҳурӣ гузаронида мешаванд, ҳамоҳанг месозад, кӯмаки илмию методӣ мерасонад.

4.8. Ба таҳияву амалисозии барномаҳои комплексии таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла, барномаҳои комплексӣ оид ба масъалаҳои байнисоҳавӣ, ки ба салоҳияти кори Раёсат тааллуқ доранд, роҳбарӣ менамояд.

4.9. Фаъолияти комиссияҳо маҳфилҳо ва дигар ҷамъиятҳоеро, ки дар назди кафедра ва дигар сохторҳои зертобеъи донишкада ташкил шудаанд, роҳбарӣ менамояд, дар зарурат комиссияву ҷамъиятҳои

нав созмон медиҳад ва барои барҳам додани комиссияву ҷамъиятҳои мавҷуда пешниҳод манзур менамояд.

4.10. Роҳбарии умумии фаъолияти нашриро амалӣ месозад, оид ба ҳайати таҳририяи маҷалла ба роҳбарияти донишкада пешниҳод манзур менамояд.

4.11. Истисосҳоро барои қабул ба магистратура ва докторантура (PhD) дар донишкада муқаррар менамояд.

4.12. Пешниҳоди кафедра ва дигар сохторҳои зертобеъи донишкадаро дар бораи ҳайати шӯроҳои диссертатсионӣ оид ба дифои рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ баррасӣ менамояд.

## 5. Маҷлиси умумии Раёсат.

5.1. Маҷлиси умумии Раёсат аз ҳисоби мудирони кафедра ва дигар ҳайати олимону донишмандони донишкада ташкил меёбад. Маҷлиси умумии Раёсат дар зарурат, вале на камтар аз 2 маротиба дар як сол даъват карда мешавад.

5.2. Маҷлиси умумӣ самтҳои асосии рушди соҳаҳои мувофиқи илм ва тавсияҳо оид ба татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро баррасӣ намуда, ҳамкориҳои илмии байналмилалии донишкадаро муайян мекунад, ҳисоботҳо оид ба кори Раёсат ва аъзои онро ба фаъолияти илмӣ ва илмию ташкилӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад;

5.3. Қарорҳо дар маҷлиси умумии Раёсат бо овоздиҳии аксарияти аъзои Раёсат, ки ҳуқуқи овоздиҳӣ доранд, қабул карда мешаванд.

## 6. Қатъ гардидани фаъолияти Раёсат

6.1. Фаъолияти Раёсат бо қарори Шурои олимони донишкада дар мувофиқа бо муассис қатъ ё аз нав ташкил карда мешавад.

6.2. Дар мавриди азнавташкилёбӣ ва ё қатъ гардидани фаъолияти Раёсат мувофиқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ректори донишкада ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ҳайати кормандони аз вазифа озодшудаи Раёсат, кафолат дода мешавад.

Низомнома дар ҷаласаи Шурои олимони донишкада «26» январи соли 2023 (суратҷаласаи №7/4-1) баррасӣ гашта, ҷонибдорӣ карда шудааст.